# ТАҚРИЗ

ба автореферати Орифов Орзу Обидхуҷаевич бо унвони “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Ҳоло қисмати муайяни аҳолӣ ва волидайн исрор меварзанд, ки фарзандонашон забони англисиро омӯзанд ва мутахассиси хуб шаванд. Ин тааҷҷубовар нест, зеро ин забони расмии шумораи зиёди кишварҳои дунё аст, ҳамчунин дар муоширатҳои технологӣ ва бо шаҳрвандони кишварҳои ҳамсоя зарур аст. Имрӯз вазъият ба таври куллӣ тағйир ёфтааст: донистани забони англисӣ дигар хеле муҳим гаштааст, балки зарурати ҳаётан муҳим буда, барои таҳсил имконоти кофӣ вуҷуд доранд, ки дар бораи методологияи таълим мулоҳиза рондан бамавқеъ аст, аммо бояд рӯирост иқрор шуд, ки омӯхтани ҳамаи забонҳои хориҷӣ мушкилиҳои муайяни худро дорад.

Ҳатто ҳолатҳое ҳам ба қайд гширифта шудаанд, ки гӯё муҳассилин қобилият надошта бошанд, дарсу машғулиятҳо қатъ гаштаанд. Мантиқан ин тавр нест, аксари донишҷӯён тамоми малакаю маҳоратҳои заруриро барои омӯхтани забон доранд - мушкилот дар низоми дақиқ ва муассири таълим аст.

Масъалаи таҳқиқшаванда аз ҷониби Орифов Орзу Обидхуҷаевич асоан ду мавзуро дар бар мегирад. Муҳаққиқ аз як ҷониб мушкилоти таълими забони англисиро дар донишҷӯёни мактабҳои олӣ муайян ва роҳи ҳалли он мушкилотро пешниҳод намудааст. Аз ҷониби дигар, масъалаи баланд бардоштани салоҳиятмандии донишҷӯёнро дида баромадааст, ки барои мутахассисони оянда чизи зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ до ниш, малакаю маҳорат в а ф аҳмиши ил мии х удро васеъ истифода бурда, аввалан масъаларо ба таври назарявӣ омухта, сипас, методҳои муосир ва инноватсионии таълимро дар самти тадриси забони англисӣ дар қисмати амалии кор пешниҳод кардааст. Ҳам дар қисми назарявӣ ва ҳам дар қисми амалии кор ба ақидаҳои муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ такя намуда, мулоҳизаҳои худро манзур сохтааст. Орифов О.О. моҳият, мазмун ва сохтори раванди мушаххаси педагогии рафъи душвориҳои таълим, роҳҳои педагогии рафъи мушкилоти дар байни донишҷӯён мавҷудбударо асоснок кардааст.

Дар асоси натиҷаи таҳқиқот, ки дар чанд марҳила сурат гирифтаанд, хулоса ва пешниҳодоти диссертант пешниҳод гардидасст. Бо ин роҳ, саҳми худро дар таҳлилу баррасӣ ва муайянсозии мушкилоти мавзуи таҳқиқ, яъне рафъи мушкилоти таълими забони англисӣ ва баланд бардоштани салоҳиятмандии донишҷӯён ба таври назаррас гузоштааст.

Мавсуф натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар ду монография, панҷ мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда ва ҳашт маҷалаҳои гуногун ба таъ расонида дар конференсияҳои сатҳи баррасӣ намудааст, ки донишҷӯёну омӯзгорон ва муҳаққиқон аз он метавонанд аз онҳо истифода баранд.

Диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи "Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» аз муҷаддима, ду боб, зербобҳо, хулоса ва руйхати адабиёд иборат буда, аз лиҳози сохтор ва аппарати илмӣ ба талаботи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ аст.

Муқаддимаи диссертатсия дар асоси қоида ва талаботҳои КОА ҶТ таҳия гардида, ҳадаф объект, предмет, фарзия, заминаи назариявӣ-методологӣ, навгонӣ, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгардида ва дигар маълумоти зарурирo дар бар мегирад.

Боби аввали диссертатсия - **"Асосҳои илмӣ-назариявии пешгирӣ ва рафъи мушкилот дар раванди таълими ЗА ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён"** ба тавсифу баррасии масъалаҳои вобаста ба асосҳои илмӣ ва амалии рафъи мушкилоти забони англисӣ бахшида шудааст.

Қисамати мазкур аз се зербоб иборат буда, фарогири ақидаҳои назарявии мавзуи таҳқиқотӣ аст. Мавқеи ислоҳоти касбӣ, нозукии сарфу наҳви забони англисиро дар асоси забони модарӣ дар таълими забони англисӣ муайян намудааст.

Боби дуюми дисеертатсия - «**Технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар таълими забони англисӣ"** фарогири масъалаҳои вобаста ба самаранокии бартарафсозии мушкилот дар арфти омӯзиши забони англисӣ мебошад.

Се зербоби ин қисми кор истифодаи васеи ТИК дар таълими забони англисӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва санҷиши самаранокии равияи системӣ-фаъолмандӣ ва технологияҳои инноватсионии педагогиро дар озмоиши таълимӣ ба мақсади баланд бардоштани салоҳиятмандии касбии донишҷӯён дар бар гирифтаас.

Дар хулосаи диссертатсия ҷамъбасти андешаҳои илмии унвонҷӯ дар банду фаслҳои алоҳида зикр гардида, ҳамчунин тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот фаро гирифта шудданд.

Дар дохили кор хатогиҳои техникӣ, грамматикӣ ва имлоӣ ҷо-ҷо во мехуранд, ки ба ақидаи ман арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд ва диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии мазкурро кори илмии баанҷомрасида ҳисобид.

Диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) кори илмии баанҷомрасида ҳисобида шуда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

Маълумот барои тамос: Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: azizi69@mail. ru

Имзои А. Р. Мирзоев-ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш. Н.
20.05.2024